**«Тасдиқ мекунам»**
Ректори Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода,
доктори илмҳои филологӣ, профессор
__________ Гулназарзода Жило Бурӣ
«____» ______________ соли 2024

# ХУЛОСАИ

ҷаласаи васеи муштараки ғайринавбатии кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷӣ ва кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти руси Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ба диссертатсияи Ҳаитматов Фарҳод Холиқулович таҳти унвони **«Хониши мустақилона ҳамчун воситаи ғанигардонии захираи луғавии хонандагони синфҳои болоӣ аз забони англисӣ (дар шароити МТМУ Ҷумҳурии Тоҷикистон)»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (методикаи таълими забони англисӣ) (13.00.02.04 – Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ)

Диссертатсияи Ҳаитматов Фарҳод Холиқулович таҳти унвони «Хониши мустақилона ҳамчун воситаи ғанигардонии захираи луғавии хонандагони синфҳои болоӣ аз забони англисӣ (дар шароити МТМУ Ҷумҳурии Тоҷикистон)» дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (собиқ Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода) аз 26.12.2019, №5/4-1 тасдиқ шуда, дар кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷии муассисаи зикршуда омода шудааст.

Роҳбари илмӣ – Гадоев Каримҷон Хайруллоевич, н.и.п., дотсент, мудири кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.

Ҳаитматов Фарҳод Холиқулович аз соли 2019 бо фармоиши ректори Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода) ҳамчун унвонҷӯи кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷӣ таъин шудааст. Ҳаитматов Ф.Х. давоми солҳои унвонҷӯӣ дар кафедраи болозикр ҳамчун корманди асосӣ кору фаъолият намуда, аз 03.05.2023 бо фармоиши ректори Донишгоҳ ба вазифаи мудири шуъбаи таҷрибаомӯзӣ ва карера таъин шудааст.

Диссертатсия дар заминаи нақшаи илмии кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷии ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода ба иҷро расида, натиҷаҳои таҳқиқот дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидааст.

Диссертатсия мубрамии таҳқиқотро навсозию навоварии раванди таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии (МТМУ) кишвар, беҳтар намудани сифати дарсҳои забони англисӣ дар синфҳои болоӣ, водор

сохтани хонандагон ба худомӯзию худтакмилдиҳӣ ва фаъолияти мустақилонаи таълимӣ дар бар мегирад.

Инчунин, дар диссертатсия қайд мегардад, ки бовуҷуди роҳандозию татбиқи барномаҳои давлатӣ, консепсияҳо, санаду қарорҳои ба тасвибрасида омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар ҷомеаи имрӯзаи кишвар ҳанӯз ҳам дорои мушкилоти муайян мебошад.

Ҳаитматов Фарҳод Холиқулович аз фанҳои таърих ва фалсафаи илм, забони хориҷӣ (олмонӣ) ва методикаи таълим ва тарбия имтиҳоноти минимуми номзадӣ супорида, натиҷаи он чунин аст:

Таърих ва фалсафаи илм, санаи 30.12.2023, баҳои хуб;

Забони хориҷӣ (олмонӣ), санаи 24.06.2024, баҳои аъло;

Методикаи таълим ва тарбия, санаи 25.10.2024, баҳои аъло.

Диссертатсияи Ҳаитматов Фарҳод Холиқулович таҳти унвони «Хониши мустақилона ҳамчун воситаи ғанигардонии захираи луғавии хонандагони синфҳои болоӣ аз забони англисӣ (дар шароити МТМУ Ҷумҳурии Тоҷикистон)» дар ҷаласаи васеи муштараки ғайринавбатии кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷӣ ва кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти руси ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода аз 28.10.2024, таҳти №3/1 муҳокима гардидааст. Аз ҷониби муқарризон (н.и.п., дотсент Назирқулов Т.А., н.и.п., дотсент Наврасов А.Б.) ба диссертатсия баҳои мусбат дода шуда, кори ба анҷомрасидаро ба ҳимоя тавсия намуданд.

Дар ҷаласаи мазкур оид ба натиҷаи баррасии диссертатсия дар мавзуи «Хониши мустақилона ҳамчун воситаи ғанигардонии захираи луғавии хонандагони синфҳои болоӣ аз забони англисӣ (дар шароити МТМУ Ҷумҳурии Тоҷикистон)» хулосаҳои зерин қабул карда шуд:

- мундариҷа, муҳтаво ва номи мавзуи диссертатсия ба ихтисоси он мутобиқат мекунад;
- мавзуи диссертатсия бо самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ алоқаманд аст;
- теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он мутобиқат мекунад;
- санадҳои тасдиқкунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо мавҷуд аст;
- саҳми бевоситаи довталаб дар иҷрои таҳқиқи диссертатсионӣ назаррас мебошад.

Диссертатсияи Ҳаитматов Фарҳод Холиқулович таҳти унвони «Хониши мустақилона ҳамчун воситаи ғанигардонии захираи луғавии хонандагони синфҳои болоӣ аз забони англисӣ (дар шароити МТМУ Ҷумҳурии Тоҷикистон)» ба ихтисоси интихобшуда пурра мувофиқат мекунад.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (методикаи таълими забони англисӣ) (13.00.02.04 – Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ) мутобиқат менамояд:

- банди 1. Таҳияи назарияи таълими фанҳои мушаххас, аз ҷумла дар сатҳи байнитахассусӣ; фаъолияти навоварӣ ҳамчун яке аз сарчашмаҳои рушди назария ва методикаи таълим аз рӯйи соҳаҳои дониш ва сатҳи таҳсилот;

- банди 2. Асосҳои назариявии истифодаи технологияҳои нави педагогӣ ва системаҳои методии таълим дар асоси омӯзиши забони англисӣ ва робитаҳои байнифанӣ;

- банди 3. Таҳияи мундариҷаи консепсияҳои фан дар сатҳҳои гуногуни таҳсилот; мундариҷа, усулҳо ва шаклҳои ташкили таълим дар шароити ҷаҳонишавии иттилоот, илм, фарҳанг ва маърифат;

- банди 4. Таҳияи технологияи навоварии таҳсилот ва шаклҳои ташкили омӯзиш;

- банди 11. Масъалаҳои моделсозии сохтор ва мундариҷаи курсҳои таълимӣ дар заминаи робитаҳои байнифанӣ;

- банди 18. Методҳо, воситаҳо ва технологияҳои таълим ва худомӯзӣ.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, зербобҳо, хулосаи бобҳо, хулосаи умумӣ ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Диссертатсия аз 178 саҳифаи чопи компютерӣ иборат буда, дар он 6 ҷадвал, 7 диаграмма мавҷуд аст. Дар рафти таҳияи диссертатсия 180 адабиёти илмию таълимӣ ва дигар сарчашмаҳо истифода шудаанд.

Вобаста ба мавзуъ ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 15 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 3 мақола дар маҷаллаҳои илмии дар феҳрасти Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридбуда, интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 1,5 ҷузъи чопиро ташкил медиҳанд.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

**I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:**

1. **Ҳаитматов Ф.Х.** Роҳҳои ғанигардонии захираи луғавии хонандагон тавассути забони англисӣ / Ф.Х. Ҳаитматов [Матн] // Паёми донишкадаи забонҳо. – Душанбе, 2021. – № 3(43). – С.152-157.
2. **Ҳаитматов Ф.Х.** Хусусиятҳои ғанигардонии захираи луғавии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар заминаи стандарти нави таҳсилот аз забони англисӣ / Ф.Х. Ҳаитматов [Матн] // Паёми донишгоҳи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. – Душанбе, 2023. – №2(50). – С. 229-236.
3. **Ҳаитматов Ф.Х.**, Гадоев К.Х. Афзалияти хониши мустақилона нисбат ба дигар намудҳои хониш ҳангоми таълими забони англисӣ / Ф.Х. Ҳаитматов, К.Х. Гадоев [Матн] // Паёми пажуҳишгоҳи рушди маориф. Силсилаи илмҳои педагогӣ ва психологӣ. – Душанбе, 2024. – №3 (47). – С. 251-257.

**II. Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаҳои дигар:**

4. **Ҳаитматов Ф.Х.** Домашнее чтение как  важный компонент содержания обучения английскому языку в Вузе / Ф.Х. Ҳаитматов [Матн] // Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи “Филологияи Шарқ дар масири фарҳанг ва тамаддунҳо”, ДДЗТ ба номи Сотим Улуғзода. – Душанбе, 22.12.2020. – С. 177-183.
5. **Ҳаитматов Ф.Х.** Усулҳои бозӣ дар дарси забони англисӣ ҳангоми омӯзиши бахши “луғат”дар синфҳои 5-6. / Ф.Х. Ҳаитматов, [Текст] // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Ҷанбаҳои лингвистию муқоисавии омӯзиш ва тадриси забонҳои хориҷӣ дар шароити бисёрфарҳангии таҳсилот» (24.12.2021). ДДЗТ ба номи Сотим Улуғзода. – Душанбе, 2021. – С.216-218.

**6. Ҳаитматов Ф.Х.** Методика обучения английскому языку с помощью игровых технологий / Ф.Х. Ҳаитматов [Текст] // Материалы межвузовской научно-практической конференции на тему «Актуальные проблемы сопоставительно-типологического изучения языков» РТСУ. – Душанбе, 2022. – С. 224-228.

**7. Ҳаитматов Ф.Х.** Игровая деятельность как основная форма работы при обучении дошкольников / Ф.Х. Ҳаитматов, [Текст] // Материалы республиканской научно-теоретической конференции на тему «Актуальные проблемы русской филологии, сравнительной типологии и перевода». – Душанбе, 2022. – С. 5-8.

**8. Ҳаитматов Ф.Х.** How to Evaluate Speaking English / Ф.Х. Ҳаитматов [Мант] // Маҷмуи мақолаҳои конфересияи илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Ҷанбаҳои лингвистию муқоисавии омӯзиш ва тадриси забонҳои хориҷӣ дар шароити бисёрфарҳангии таҳсилот», ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода. – Душанбе, апрели соли 2023. – С.117-125.

**9. Ҳаитматов Ф.Х.** Истифодаи фонетика дар таълими забони англисӣ ва омӯзишӣ он / Ф.Х. Ҳаитматов [матн] // Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Масъалаҳои мубрами забоншиносии муқоисавии забонҳои аврупоӣ ва омӯзиши он дар шароити муосир». – Душанбе, 25.01.2024. – С. 178-182.

**10. Ҳаитматов Ф.Х.** The effective and innovative ways of teaching English language / Ф.Х. Ҳаитматов [Матн] // Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Масъалаҳои мубрами забоншиносии муқоисавии забонҳои аврупоӣ ва омӯзиши он дар шароити муосир». – Душанбе, 25.01.2024. – С.184-187.

**III. Мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои илмии хориҷӣ ба чоп расида:**

**11. Ҳаитматов Ф.Х.** Научная обоснованность процесса организации самостоятельной работы студентов в овладении иностранным языком / Ф.Х. Ҳаитматов, [Текст] // II международная научно-практическая интернет-конференция на тему «Аспекты развития образования, науки и культуры». – Нур-Султан, 2021. – С. 129-132.

**12. Ҳаитматов Ф.Х.** Технологияҳои нави педагогӣ дар таълими забони англисӣ / Ф.Х. Ҳаитматов [Матн] // II международная научно-практическая интернет-конференция на тему “Аспекты развития образования, науки и культуры». – Нур-Султан, 2021. – С 3-5.

**13. Ҳаитматов Ф.Х.** Использование ролевых игр при обучении английскому языку на разных этапах обучения / Ф.Х. Ҳаитматов [Текст] // Материалы XII Международной научно-теоретической конференции профессорско-преподавательского состава высших учебных заведений России, Узбекистана и Таджикистана, Челябинск. – Бухара, 2022. – С. 462-467.

**14.** Ҳаитматов Ф.Х. Презентатсияи мултимедӣ ва истифодаи он дар дарси забони англисӣ / Ф.Х. Ҳаитматов, [Текст] // III Международной научно-практической конференция на тему «Влияние пандемии на развитие аброзавания, науки и культуры». – Нур-Султан, 2022. – С.3-5.

**15.** Ҳаитматов Ф.Х. Исследовательская работа детей на уроках английского языка в начальной школе / Ф.Х. Ҳаитматов [Текст] // XI международная научно-практическая конференция на тему «Молодёжь и духовное наследие эпохи: культура, артефакты, ценности». – Тула, 25.04. 2023. – С.211-217.

**IV Дастуру маводҳои таълимии нашршуда:**

**1. Ҳаитматов Ф.Х.** Матнҳо барои хониши мустақилона аз забони англисӣ / Ф.Х. Ҳаитматов // Дастури таълимӣ. Душанбе, 2023. – 85с.

Ҷаласа қарор кард:

1. Диссертатсияи Ҳаитматов Фарҳод Холиқулович таҳти унвони «Хониши мустақилона ҳамчун воситаи ғанигардонии захираи луғавии хонандагони синфҳои болоӣ аз забони англисӣ (дар шароити МТМУ Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (методикаи таълими забони англисӣ) (13.00.02.04 – Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ) ҳамчун кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Ҳаитматов Ф.Х. дар мавзуи «Хониши мустақилона ҳамчун воситаи ғанигардонии захираи луғавии хонандагони синфҳои болоӣ аз забони англисӣ (дар шароити МТМУ Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (методикаи таълими забони англисӣ) (13.00.02.04 – Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ) барои ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-023 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи муштараки ғайринавбатии кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷӣ ва кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти руси Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода санаи 28.10.2024 қабул гардидааст.

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:** ҳамагӣ – 18 нафар.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** «тарафдор» – **18 нафар;** «зид» – **нест;** «бетараф» – **нест**.

**Раиси ҷаласаи кафедра:**
н.и.ф., дотсент, декани факултети
равияи омӯзгории забони англисии
ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода — Мусоямов Зубайдулло Муминшоевич

**Котиби ҷаласаи кафедра:**
Муаллими калони кафедраи
методикаи таълими забонҳои
хориҷии ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода — Қарабоева Лутфия Ҷамоловна

Имзоҳои З.М. Мусоямов
ва Л.Ҷ. Қарабоеваро тасдиқ мекунам,
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода — Халифаев Фазлиддин Нусратуллоевич

**Нишонӣ:**
734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6.
Тел.: (+992 37) 2325000; 232 87 30
E-mail: ddztkh@mail.ru
Сомона: www.dbz.tj